# ФАРМОИШ

Дар бораи тасдиқ намудани астурамал “Дар бораи анҷом додани баҳисобгирӣ ё баргардонидани маблағҳои барзиёд пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо”

Мутобиқи муқаррароти қисми 9 моддаи 69 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал “Дар бораи анҷом додани баҳисобгирӣ ё баргардонидани маблағҳои барзиёд пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо” бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Дастурамали мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.12.2007, №6-Ф “Дар бораи тасдиқ намудани “Дастурамал оид ба тартиби ҳисоб гирифтан ё баргардонидани маблағҳои барзиёд пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо (ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо”, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2007 сол, №328 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини аввали Раис Солиев А.М. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н.Давлатов**